# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи **«Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)»** аз рӯйи ихтисоси 6.1-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (6.1.1.-Таърихи ватанӣ).

Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати маорифпарваронаи ӯ низоми маориф дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ рушд ва ташаккул ёфт. Теъдоди муассисаҳои таълимии олӣ, миёнаи махсус ва миёнаи умумӣ афзуда, шароити омодасозии кадрҳо ба марҳалаи нави таърихӣ ворид гардид.

Дар илмӣ таърихи ватанӣ таҳқиқоти як қатор корҳои илмӣ оид ба рушди маориф ба анҷом расонида шудаанд, ки бештар муассисаҳои таълимии шаҳрвандиро дар бар мегирифтанд. Мутаассифона, таърихи муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ таҳқиқ нагардида буд.

Мавзуи рисолаи номзадии Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» яке аз мавзуъҳои мубрами таърихи ватанӣ буда, аз нигоҳи илмӣ дар асоси сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ ва таълимӣ таҳлилу баррасӣ гардида, хусусиятҳои хосси таҳсилоти касбии мақомоти корҳои дохилӣ дар як марҳалаи муайяни таърихӣ солҳои 1991-2024 дар бар гирифтааст.

Дар рисолаи номзадӣ таҳлили муқоисавии муассисаҳои таълимии низоми мақомоти корҳои дохилӣ дар давраи то Истиқлолият ва баъди Истиқлолият таҳлил гардидааст. Муаллиф дар таҳқиқоти илмияш омодасозии кадрҳоро дар асоси манфиатҳои миллӣ, талаботҳои Ҳукумат, Вазорати корҳои дохилӣ ва санадҳои соҳавӣ нишон дода, таъсис, рушд ва ташаккули онро дар доираи муайяни хронологӣ инъикос намудааст.

Рисолаи номзадии Ташрифзода Фозил Қурбон аз сарсухан, се боб, шаш зербоб, адабиёт ва маводи бойгонӣ иборат буда, дар доираи таҳқиқот такя ба маводи илмӣ ва бойгонӣ ба анҷом расонида шудааст.

Муаллиф дар сарсухани рисола мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян намуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии онро барои рушди илмӣ таърихи ватанӣ нишон дода, таърихи фаъолияти як қатор муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилӣ аз қабили Мактаби Олии ВКД (ҳоло Академияи ВКД), Коллеҷи милитсия, Коллеҷи техникӣ-оташнишонӣ, Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлилу баррасӣ намуда, хусусиятҳои хоси раванди таълиму тарбияро дар муассисаҳои

мазкур ошкор намуда, марҳалаҳои таърихии рушди онҳоро инъикос намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ омода ва муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод гардидааст. Дар муқоиса бо давалатҳои иштирокчии ИДМ мавзуи мазкур дар шакли таҳқиқоти илмӣ бори аввал ба анҷом расонида шудааст, ки ин аз дигар ҷиҳат мубрамии мавзуро боз ҳам қавитар мегардонад.

Маводҳои рисолаи диссертатсия дар мавзуҳои фанни Таърихи халқи тоҷик ва Таърихи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Академияи ВКД, Коллеҷи милитсия, Коллеҷи техникӣ-оташнишонӣ, Маркази таълимии ВКД аз татбиқ гузаштааст.

Муаллиф доир ба мавзуи рисолаи номзади дар доираи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад намуда, дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 мақолаи илмӣ нашр намудааст.

Рисолаи илмӣ ба талаботҳои пениҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Баъзан хатогиҳои ҷузъии техникӣ, ки ислоҳпазиранд қиммати рисоларо кам намекунанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» кори анҷомёфтаи илмӣ ба шумор рафта, ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров** **В.М. Набизода**

Имзои профессор В.М.Набизодаро тасдиқ менамоям:

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** **З.С. Сайдуллозода**

15.01.2026